**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. - 33 саҳ.)**

Муҳимтарин шарти озодии шахс ин ҳуқуқи ӯ ба дахлнопазирии манзил аст. Дахлнопазирии манзил, дахлнопазирии моликияти шахсӣ ва сирри ҳаёти маҳрамонаро таъмин менамояд. Диссертатсияи унвонҷӯ Файзиев С.А., таҳлилӣ мустақили кори илмии анҷом додашуда мебошад, ки натиҷаҳо, таклифу пешниҳод ва хулосаҳои дар он овардашуда, бешубҳа илми замонавии ҳуқуқи ҷиноятии ватаниро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалия ғанӣ мегардонад, дар кори такмили қонунгузории миллӣ истифода карда мешавад ва ба ихтисоси 12.00.08 ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқ мебошад.

Моддаи 5 Конститутсияи ҶТ эълон мекунад, ки "инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Муҳимтарин шарти озодии шахс ин ҳуқуқи ӯ ба дахлнопазирии манзил аст. Дахлнопазирии манзил, дахлнопазирии моликияти шахсӣ ва сирри ҳаёти маҳрамонаро таъмин менамояд. Ҳокимияти ҳар як давлати мутамаддин бояд муносибати эҳтиромона ба зуҳуроти ҳаёти шахсии шахс ва манфиатхо мувофиқ бошад.

Дар шароите, ки муносибат ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, ки кафолати амалӣ намудани дигар ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон аст, таъмини дахлнопазирии манзил бо роҳи ҳуқуқӣ хеле мубрам мегардад. Ҳар як шаҳрванди ҶТ ба дахлнопазирии манзил аз дахолати ғайриқонунии ҳам шахсони дигар ва ҳатто намояндагони давлат дорад, ки бо моддаи 22-и Конститутсияи ҶТ тасдиқ ва кафолат дода шудааст.

Сатҳи демократия дар ҳар як давлат на танҳо тавассути қонунан мустаҳкамгардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон, балки бо таъмини воқеии риояи онҳо муайян карда мешавад. Дахлнопазирии манзил институти байнисоҳавӣ мебошад, зеро он бо меъёрҳои қонунгузории

конститутсионӣ, граждаиӣ, ҷиноятӣ, манзил ва мурофиавии ҷиноятӣ танзим карда мешавад. Дар ин самт меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дар таъмини дахлнопазирии манзил аҳамияти муҳим доранд.

Зарурияти танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахнопазирии манзил пеш аз ҳама дар сирри оилавӣ будани ҳодисаҳое мебошад, ки дар дохили манзили шахс рух медиҳад, манзил ба рушди мутаносиби шахсият мусоидат мекунад, зеро он ба шахс имкон медиҳад, ки ниёзҳои маънавӣ ва моддии худро амалӣ созад, амнияти ҷисмонӣ ва рухӣ, ҳуқуқи моликият ва сирри ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, сирри мукотибаи гуфтугӯҳои телефонӣ, почта ва дигар мукотиботи шахсиашро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки м. 147 КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пешбинӣ мекунанд ва татбиқи амалии онҳо дар қисмати риояи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ, криминализатсияи кирдорҳои алоҳидаи тарафи объективии вайрон намудани дахлнопазирии манзил, вазифаи пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро пурра иҷро карда наметавонанд.

Такмили қонунгузории ҶТ ва таҷрибаи татбиқи он шояд роҳи ягонаи воқеии ҳалли мушкилоти мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил бошад. Дар робита ба ин, таҳлили қонунҳои ҷиноятии баъзе мамлакатҳо, ки дар онҳо вайрон намудани дахлнопазирии манзил тибқи қонун танзим мешаванд, мубрам буда, омӯзиши онҳо дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил хеле аҳамиятнок аст.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва ҶТ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳо дар замони муосири рушд, таҳлили таркиби ҷинояти баррасишаванда, мазмуни ибораҳои дар м. 147 КҶ ҶТ истифодашударо таҳлил намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пешниҳод гардидааст.

Дар диссертатсия муаллиф бо дарназардошти маводи илмӣ, таҳлили мафҳум ва хусусиятҳои ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин зарурати муқаррар намудани ҳолатҳои иловагии вазнинкунанда барои ин ҷиноятҳо асоснок гардида, сохтори нави м. 147 КҶ ҶТ пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар КҶ ҶТ дар марҳилаҳои гуногуни рушди

таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, чораҳои асосӣ барои пешгирии ҷиноятҳои мазкур таҳия гардидаанд. ва марҳилаҳои он дар мамлакат кӯшиш кардааст, ки дар доираи таҳқиқоти анҷомпазируфта ташаккули падидаҳои конститутсионӣ аз қабили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, замима ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 201 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, мавзуъ, объект, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти таърихи-назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти оморӣ оид ба динамика ва паҳншавии кирдор шарти муҳими криминализатсияи ҷинояти вайрон кардани дахлнопазирии манзилро таҳлил намуда, банду басти онро мавриди таҳқиқот қарор медиҳад.

Мақсади кори илмӣ-таҳқиқотии мазкур – ҷамъбасти амалияи тафтишотӣ дар ҷараёни тафтишоти пешаки бо мақсади ба низом даровардан ва таҳлили оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, ошкор намудани фарқиятҳои устувори татбиқи қонунгузорӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муайян кардани сабабҳо ва шароитҳои ба ин мусоидаткунанда, таҳияи таклифу тавсияхо мебошад.

Умумигардонии амалияи тафтишотӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ки ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил – нишондиҳандаи муҳими сатҳи самаранокии раванди татбиқи адолатӣ буда, ба омӯзиши мушкилиҳои амалияи тафтишотии ҳуқуқӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба қонуншиканӣ нигаронида шудааст.

Унвонҷӯ Файзиев Спитамен Абдулҳақович қайд менамояд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиҳати танзими масъалаҳои дахлнопазирии манзили шахс аҳамияти калон дорад, ҳамзамон, меъёрҳои он қисми ҷудонопазири низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ оид ба танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил барои таҳкими қонунгузории амалкунандаи кишвар аҳамияти калон дорад. Чунин

таҳлил пеш аз ҳама барои он зарур аст, ки дар қонунгузории як қатор давлатҳо ба ин масъала, назар ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ диққати бештар дода шудааст.

Дар баробари ин кримнализатсия будубоши ғайриқонунӣ шахс дар манзил бе розигӣ соҳибмулк ё рад кардани тарки он дар сурати мавҷуд будани талаби соҳибмулк мувофиқи мақсад мебошад. Тарк накардани манзил дар шакли беҳарактӣ сурат мегирад, яъне иҷро накардани талаботи тарки манзил дар ҳолате, ки будубоши шахси истиқоматӣ дар асоси қонунӣ (бо розигии қаблан гирифташуда) истиқоматкунангонро аз имконияти мустақилона амалӣ кардани ҳаёти шахсии худ маҳрум мекунад.

Хамин тавр: аломати бандубастшаванда бо истифода аз зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, бояд бевосита дар қонунгузории ҷиноятӣ бо истинод ба як намуди зӯроварии мушаххас нишон дода шавад, яъне: вайрон кардани дахлнопазирии манзил бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди истифодаи он, қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ чунин ифода карда шавад: ҳамин кирдор *"бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди истифодаи он содир шудааст"*.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили зербоби мазкур ба чунин хулоса омадааст, ки асосҳои ҳуқуқии дахлнопазирии манзил дар Констутитсия муқаррар гардида, дар асоси принсипи ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд, амалӣ мегардад. Қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу ҳуқуқбаробаркунӣ дар қонунгузорӣ ба ҳама шахсон баробар ин ҳуқуқро кафолат медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар он ифода меёбад, ки ки дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуқтаҳои назари олимон ва нуқтаи назари шахсии муаллиф, модели нави меъёрие, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил (ғайриқонуни ворид шудан ба манзил) пешбинӣ менамояд, пешниход гардидаанд.

Дар асоси омузи автореферат қайд кардан зарур аст, ки диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комплексие мебошад, ки ба таҳлили ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил ва масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт бахшида шудааст. Ғайр аз ин, навоварии илмии диссертатсия дар як қатор хулосаҳо ва пешниходҳои илман асосёфтаи муаллиф оид ба иваз ё илова кардани калимаи "манзил",

бандубасти ин ҷиноят бо дарназардошти воқеияти имрӯзаи ҳуқуқӣ пешниҳод гардидаанд, ки баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон равона гардидаанд.

Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои шуъба мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Диссертатсияи Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович ба талаботи банди 31 ва 33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Файзиев Спитамен Абдулҳақович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Қодирзода Далер Сайфулло

Имзои Қодирзода Д.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.

«29» 12 соли 2023

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
E-mail: info@apa.tj; Тел: (+992 37) 224-17-86